Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯи мазмун ба ихтисоси эълоншуда мувофиқат мекунад. Номи мавзуъ, нақша ва матни рисола ба таври мантиқӣ, аз ҷиҳати илми асоснок тартиб дода ва навишта шудааст.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Мубрамияти мавзуи диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он иборат аст, ки хизматрасонии байторӣ дар нигоҳдории саломатии ҳайвонот, ки бевосита ба соҳаи кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва аз он ҷумла дар амнияти озуқаворechи кишвар таъсир мерасонад, нақши калидӣ дорад. Дар Тоҷикистон, ки хоҷагии қишлоқ дар иқтисодиёт нақши калон мебозад, масъалаҳои сифат ва танзими ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Бо дарназардошти он, ки хизматрасонии байторӣ музднок расонида мешавад, ҳимояи ҳуқуқии ҳам истеъмолкунандагон (соҳибони ҳайвонот) ва ҳам иҷрокунандагони хизматрасонӣ зарур аст. Дар ин замина омӯзиш ва такмили қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини мувозинати манфиатҳои тарафҳо, кам кардани ихтилофҳо ва таваккали ҳуқуқӣ муҳим аст.

Дар ҳоли ҳозир, асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии хизматрасонии музднoки байторӣ дар Тоҷикистон суст инкишоф ва систематикӣ боқӣ мемонад. Аз ҷумла, на ҳама ҷанбаҳои марбут ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо, сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгарӣ барои иҷрои номатлуби онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври возеҳ танзим шудаанд.

Бо дарназардошти равандҳои ҳамгироӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, мутобиқ кардани қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадам дар соҳаи байторӣ ва хизматрасонии байторӣ яке аз вазифаҳои таъхирнопазир мебошад.

Инкишофи танзими ҳуқуқии хизматрасонии музднoки байторӣ ба беҳтар шудани сифати ёрии байторӣ мусоидат мекунад, ки ин ба вазъи умумии чорводорӣ, рушди иқтисодии минтақаҳои деҳот ва сатҳи зиндагии аҳоли таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи татбиқи ҳуқуқ аҳамияти зиёд дорад.

**Дараҷаи нав будани натиҷаҳои дар рисола гирифташуда ва муқаррароти илмие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола ҳамчун кори мустакили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натаҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории маданӣ заминаҳои зарурӣро фароҳам меорад. Навгонии илмӣ, саҳеҳнокӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя

намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабароориҳои муаллиф асос ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар он аст, ки он аввалин рисолаи маҷмуавии илмӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф бо дарназардошти давраҳои таърихӣ, инкишофи қонунгузории миллӣ дар самти хизматрасонии байторӣ падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст. Гузашта аз ин, таҳқиқбаранда вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои ҳуқуқию қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд. Натиҷаҳое, ки муаллиф дар натичаи тадқиқоти рисолаи худ ба даст овардааст, аломатҳои навигарии илмӣ доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дар рисола оид ба масъалаҳои танзими мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва тавсияҳо оварда шудааст. Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои илмии мавқеъҳои ибтидоии назариявӣ тасдиқ карда мешавад. Муаллифи рисола ҳангоми гузаронидани тадқиқот усулҳои гуногунро истифода бурда, муқаррарот ва тавсияҳои илмии таҳияшуда ба принсипҳои асосии ҳуқуқи маданӣ асос ёфтаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти рисолаи илмӣ аз он иборат аст, ки пешниҳоду хулосаҳои дар рисола баёнгардида фаҳмиши илмии танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро васеъ менамоянд. Натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд,

барои тадқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ заминаи муҳими методологӣ ва назариявӣ мебошанд.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар кор баён шудаанд, инчунин имкони татбиқи амалии мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқро доранд. Гузашта аз ин, натиҷаҳои тадқиқоти ба даст овардаи рисолаи номзадӣ метавонанд дар раванди таълим ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ истифода шаванд ва дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии ин соҳа саҳми арзанда гузоранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда**

Хулоса ва муқаррарот, тавсияҳои илмию амалии муаллифи рисола дар 24 асари илмӣ ва таълимӣ инъикос ёфтаанд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тадқиқоти диссертатсионии «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Афтореферат мазмуни асарро инъикос намуда, ба талаботи мавҷуда ҷавоб медиҳад.

Сохтори асар ба талабот мувофиқ буда, ҳамаи қисмҳои он бо ҳам мантиқӣ алоқамананд ва умуман тадқиқоти мукаммалро ифода мекунанд. Рисола аз се боб иборат буда, аз 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиётҳо иборат буда, ягонагии дохилӣ дошта, сохтори он ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Аз нуқтаи назари тарҳрезии расмӣ, ин кор ба стандартҳои зарурии таҳқиқоти диссертатсия мувофиқат мекунад. Матн бо забони аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мувовиқ навишта шудааст ва сохтори мантиқӣ дорад.

**Боби якуми диссертатсия «Моҳияти ҳуқуқии хизматрасонии муздноки байторӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ» номгӯзори шуда, аз ду зербоб иборат аст.**

Зербоби аввали боби якум ба мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии муздноки байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Муқаддима бо мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии муздноки байторӣ ҷанбаи муҳими дарки моҳияти ҳуқуқии ин соҳа мебошад. Мафҳуми дурусти истилоҳот, аз қабили «байторӣ», «фаъолияти байторӣ» ва «хизматрасонии байторӣ» ба танзими дақиқи қонунгузорӣ мусоидат мекунад. Тақсими фаъолияти байторӣ ба фаъолияти давлатӣ ва хусусӣ имкон медиҳад, ки ҳудуди масъулият ва ваколатҳои иштирокчиёни гуногуни бозор дақиқ муайян карда шавад, ки ин барои таҳияи меъёрҳои ҳуқуқии мувофиқ ва ҳифзи манфиатҳои ҳамаи тарафҳо махсусан муҳим аст. Ҳангоми таҳлили мафҳумҳо ва хусусиятҳои хизматрасонии муздноки байторӣ истифода аз қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, инчунин асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқотро таъкид мекунад.

**Зербоби дуюми он ба асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.** Омӯзиши асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарки ҳолати кунунӣ ва самтҳои имконпазири рушди қонунгузорӣ муҳим аст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки заминаи ҳуқуқӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ ташаккул ёфтааст, ки даврабандиро равиши мантиқӣ ва оқилона месозад. Ба се марҳила (аз давраи қадим то давраи нав) тасниф намудани асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ аз ҷониби муаллиф ба назари мантиқи дуруст мебошад. Пешниҳоди муаллиф дар бораи зарурати ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» ворид намудани боби алоҳида оид ба фаъолияти хусусии байторӣ мувофиқ ва асоснок аст, зеро рушди бахши хусусӣ танзими дақиқи ҳуқуқии соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, ҳифзи ҳуқуқи ҳардуро талаб мекунад.

**Боби дуюми рисола ба шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ бахшида шудааст, аз се зербоб иборат аст.**

Дар зербоби якуми боби дуюм «Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ» муаллиф характери консенсуалӣ, музднок, дутарафа будани шартномаро дуруст қайд кардааст. Ба оммавӣ будани шартнома ҳангоми истеъмолкунанда будани фармоишгар, ки барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар доираи хизматрасонии байторӣ аҳамияти махсус дорад, диққати махсус дода мешавад.

Тавсифи тарафҳои шартнома, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, инчунин хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти иҷрокунанда сатҳи баланди тафсилотро дар тадқиқот нишон медиҳанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм бошад мазмуни шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ таҳлил мешавад ва муаллиф равиши дарки мазмуни шартномаро дар се маъно (шартҳои шартнома, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати танзимкунанда) инъикос намуда, таҳлили ҳамаҷонибаи табиати ҳуқуқии шартномаро нишон медиҳад. Баррасии уҳдадориҳои асосии тарафҳои шартнома, аз қабили пешниҳоди хизматрасонӣ, риояи дастурамалҳо, пардохт ва кӯмак барои таъмини эътимоди ҳуқуқӣ ва пешгирии баҳсҳо байни тарафҳо муҳим аст. Тағйироту иловаҳои пешниҳодшуда ба Тартиби хизматрасонии музднoки байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами муҳим дар такмили заминаи меъёрӣ мебошад, вале таклиф кардан мумкин аст, ки механизмхои назорати иҷрои уҳдадориҳо ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани қоидаҳои муқарраршуда илова карда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Асосҳои бастан, тағйир додан ва бекор кардани шартнома оид ба хизматрасонии музднoки байторӣ» муаллиф аҳамияти риояи қонунро дар тамоми марҳилаҳои шартнома, аз бастани он то қатъи он дуруст таъкид кардааст. Нишондиҳандаи зарурати бастани шартномаи хаттӣ ва имкони тағйир додани шартҳои шартнома аҳамияти танзими ҳуқуқиро барои таъмини устувории муносибатҳои маданӣ таъкид мекунад.

**Боби сеюми диссертатсия «Ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ» номгузори шуда, аз ду зербоб иборат аст.**

Дар зербоби якуми боби якум, ки «Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ» номгузори шудааст, муаллиф зарурати риояи шартҳои шартнома ва имкони ба ҷавобгарӣ кашидани онҳоро барои вайрон кардани онҳо дуруст нишон додааст. Баррасии шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, аз қабили рафтори зидиҳуқуқӣ, мавҷуд будани зиён, робитаи сабабӣ ва гуноҳ дараҷаи баланди коркарди масъаларо нишон медиҳад. Истисноиi принсипи гуноҳи соҳибкорон-иҷрокунандагон дар доираи хизматрасонии байторӣ аз нуқтаи назари ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон асоснок аст, вале ба механизмҳои исботи ҷавобгарӣ таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ таҳлил шудааст. Нишон додани зарурати муқаррар намудани ноустуворонаи қонунӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартнома иқдоми муҳим барои пурзӯр намудани масъулияти ҳуқуқии иҷрокунандагони хизматрасонӣ мебошад.

Рисола ҷанбаҳои асосии танзими ҳуқуқии хизматрасонии музднoки байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, ба қонунгузории амалкунанда тағйироти асоснок ва дахлдор пешниҳод менамояд. Дар асар сатҳи баланди мураккабӣ ва таҳлили илмӣ нишон дода шудааст, ки он дар рушди низоми ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи хизматрасонии байторӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Эродҳо ба диссертатсия**

Диссертатсионии Мирзомуродзоди Дустмуроди Гулмурод як таҳқиқоти мустақили илмӣ буда, муаллиф дар он пешниҳоду тавсия ва хулосаҳои худро пайваста ва мантиқӣ асоснок кардааст. Дар баробари ин, дар пажӯҳишҳои рисолаи номзадии Мирзомуродзод Дустмуроди Гулмурод баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсбарангез ҷой доранд.

1. Пешниҳоди №1, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, «Хизмати байторӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ амал ё фаъолияти иҷрокунанда (ташкилоти байторӣ ё байтор) мебошад, ки ба фармоишгар дар намуд ва ҳаҷми муайян хизматрасонии байторӣ мерасонад» баҳснок ба назар мерасад. Ин муқаррарот тавзеҳ додани баъзе истилоҳот ва татбиқи онҳоро дар доираи ҳуқуқи маданӣ тақозо мекунад. Амал дар ҳуқуқи маданӣ одатан амали мушаххасро дар назар дорад. Аммо, хизмат, чун қоида, як амалро дарбар намегирад, балки маҷмӯи амалҳоеро дар бар мегирад, ки ба ноил шудан ба натиҷаи муайян нигаронида шудаанд. Фаъолият раванди васеътареро дар бар мегирад, ки аз бисёр фаъолиятҳое иборат аст, ки барои иҷрои вазифаҳои мушаххас нигаронида шудаанд. Дар мавриди хизматрасонии байторӣ, ин мафҳуми бештар мувофиқ аст, зеро он хусусияти мураккаби хизматрасонӣ, аз ҷумла ташхис, табобат, пешгирӣ ва дигар равандҳои марбутро инъикос мекунад. Калимаи «амал ё фаъолият» метавонад боиси нофаҳмиҳо гардад, зеро хизмат одатан як қатор фаъолиятҳоро дар бар мегирад. Дар заминаи ҳуқуқӣ, беҳтар аст, ки хизмати байторӣ ҳамчун «фаъолият» баррасӣ шавад, зеро ин мафҳум хусусияти хизмати пешниҳодшударо беҳтар инъикос мекунад.

2. Пешниҳоди №2 ва пешниҳоди №3, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, ба андешаи мо, муттаҳидшавиро тақозо мекунанд, зеро пешниҳоди №3 идомаи мантиқии муқаррароти пешин аст. Ҳарду муқаррарот ба рушди таърихии асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дахл доранд. Дар муқаррароти дуюм дар бораи даврабандии асосҳои ҳуқуқӣ сухан меравад ва дар муқаррароти сеюм марҳилаҳои мушаххаси ин даврабандӣ тавсиф карда мешаванд. Ҳарду ҷанба як раванд - рушди танзими ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар Тоҷикистонро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ тавсиф мекунанд. Аз ин рӯ, омезиши онҳо ба мо имкон медиҳад, ки диди ягонаи ҳамаҷонибаи ин равандро пешниҳод кунем.

3. Ба фикри мо, зарур буд, ки яке аз зербобҳоро ба тафовути байни хизматрасонии байторӣ ва хизматрасонии тиббӣ бахшида шавад. Сарфи назар аз он, ки фаъолияти байторӣ ба маънои анъанавӣ фаъолияти тиббӣ

нест, зеро он ба ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои ҳайвонот нигаронида шудааст, на дар инсонҳо. Бо вуҷуди ин, соҳаи байторӣ бо тиб зич алоқаманд аст, зеро он барои таъмини саломатии ҳайвонот усулҳо, донишҳо ва равишҳои шабеҳро истифода мебарад ва аксар вақт ҷанбаҳои марбут ба саломатии аҳолиро дар бар мегирад (масалан, мубориза бо бемориҳое, ки аз ҳайвонот ба инсон мегузаранд).

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса**

Умуман, эродҳои зикршуда ба баҳои мусбати рисолаи пешниҳодшуда таъсир намерасонанд. Муаллифи рисола мафҳумҳои назариявии худро асоснок пешниҳод намуда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйироту иловаҳо пешниҳод намуда, мавқеъи худро боварибахш исбот намуда, дониши амиқро на танҳо дар соҳаи ҳуқуқ, балки дар дигар соҳаҳои илм нишон медиҳад.

Кори муаллиф ба эҷоди равиши ягона нигаронида шудааст, ки тамоми мавқеъҳои илмии мавҷударо дар ин самт муттаҳид намуда, тавсияҳоро оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия менамояд. Муаллиф дар иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда устуворӣ ва асоснокӣ ба даст овардааст.

Тадқиқот дар рисола аслӣ ва эҷодӣ мебошад. Мазмуни рисола хусусияти мустақили тадқиқоти гузаронидашударо нишон медиҳанд. Таклифҳо ва тавсияҳои муаллиф дар шаклҳои гуногун бомуваффақият санҷида шуданд.

Хулосаи умумӣ ин аст, ки рисолаи номзадии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи: «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дарадахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии муаллифи рисоларо метавон ҳамчун саҳми арзанда дар рушди на танҳо илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ балки умуман илми ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ кард.

Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод сазовори гирифтани дараҷаи зарурии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии Муассисаи таълимии
байнидавлатии «Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон» Аминова Ф.М.

Имзои Аминова Ф.М.– ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии «Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А. А.
«02» 09 2024

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МИНИСТЕРСТВО НАУКИ И ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО - ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30, Муассисаи таълимии байнидавлатии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» Телефон: (+992 237) 221 –35 – 50, p.rektora@mail.ru https://www.rtsu.tj/ru